**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (09.00.03-таърихи фалсафа) Худойдодзода Ф.Б. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (09.00.03-таърихи фалсафа), профессор Самиев Б.Ҷ. (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа Маҳмадова М.Ф. (09.00.03-таърихи фалсафа) диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевичро дар мавзуи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд, ки:

1. Кори илмии диссертатсионӣ ба таҳқиқи яке аз мавзуҳои актуалии таърихи фалсафа (масъалаи инсон) бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия муваффақ гардидааст, ки бо далелҳои асосноки илмӣ муҳимияти мавзуи мавриди таҳқиқи худро исбот намояд. Комиссия бо андешаи диссертант дар мавриди он, ки «таҳқиқи масъалаҳои аксиологӣ дар низоми таълимоти инсоншиносӣ бо арзёбии манбаъҳо ва омилҳое, ки ба ташаккули назарияи этикӣ-эстетикии Ҷалолуддини Балхӣ ҳамчун бунёдгузори таълимоти мумтозу нодири ҳовии ахлоқ, санъат ва маърифати эстетикии олам, таҳияшуда бо такя ба анъанаи пурғановати этикӣ-эстетикии халқи худ, таҷрибаи пешқадам ва идеяҳои фохираи инсонии таҷассумгари анъанаи бой ва идеяҳои фарҳангии Осиёи Сағир, то ҳол анҷом наёфтааст», қомилан мувофиқ аст. Воқеан, дигаргуниҳои глобалӣ дар ҷаҳон, ҳамчун зуҳуроти бистсолаи қарни нав, хусусан арзиш ва афзалиятҳои ахлоқӣ ва экстетикӣ сабаби ҷиддии аз нав дида баромадани нуқтаи назар ба арзишҳо, махсусан арзишҳои гуманитарӣ гардид. Баррасии амиқи зуҳуроти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

ба раванди навгароӣ (модернизатсионӣ) таъсир расонд, ки ҳадафи асосӣ дида баромадани маънои ҳаёт ва табиати инсон гашт. Ин раванд дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ – дар арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ, афзалиятҳо, муносибат ба ниҳодҳои анъанавӣ ва робитаи байни одамон, фаҳмиши айнияту шабоҳати инсон ва ғ. худро маълум месозад, ки ин масъала таҳқиқоти ҷиддии ихтисосиро талаб менамоянд.

Далели дигари унвонҷӯ доир ба муҳимияти мавзуи таҳқиқотии худ, ки «назарияи «сулҳу мадоро»-и Мавлоно, ки дорои бунёди онтологӣ ва гносеологӣ буда, дар он низоми арзишҳо чунон таҳия шудаанд, ки дар асоси қатъиян инкор кардани бадӣ ва беадолатӣ, назарияи муназзами ҳаёти бидуни табъиз дар заминаи тасаввурот дар бораи инсони универсалӣ (инсони кулл) ва ё мафҳуми инсони комиле, ки бо роҳи камолоти маънавиву ахлоқӣ равон аст, эҷод гардидааст, ниҳоят кам омӯхта шудааст. Чунин раванд дар мутафаккир консепсияи беназиру мумтози зебоиро, ки дар заминаи ҷаҳонфаҳмии мавзуну мутавозини мусиқӣ эҷод шудааст, ташаккул медиҳад» низ, асоснок мебошад. Мутаассифона, раванди ҷаҳонишавӣ аз дигарон дида, нисбати фарҳангу маънавиёти миллати тоҷик таҳдиди зиёдтар намуда истодааст. Ҳамзамон, мушкилоти ахлоқӣ ва рушди мунтазами хурофотпарастию таассуби динӣ дар байни насли наврасу ҷавон тақозо менамояд, ки таҳқиқотҳои илмӣ дар самти шинохти арзишҳои ахлоқию инсонӣ зиёдтар анҷом шуда, натиҷаҳои он баҳри тарбияи ин қишр пешниҳод шавад. Бо назардошти ин ва дигар андешаҳои дар диссертатсия овардашуда, метавон мавзуи таҳқиқотиро барои ҷомеаи муосири тоҷик актуалӣ баҳогузорӣ намуд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба баёни навгониҳои илмӣ дар асоси навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ ва

натиҷагирӣ кардааст. Пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

5. Дар диссертатсияи Абдуллоев А.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифода шуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои, дигари пешниҳоднамудаи Абдуллоев А.А. маълумоти ғайрисаҳҳеҳ ба назар намерасад. Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ), ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Зиёев Идибек Ғозиевич доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

3. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Абдуллоев А.А. ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон (кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносӣ) таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
аъзои шурои диссертатсионӣ Худойдодзода Ф.Б.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
аъзои шурои диссертатсионӣ Самиев Б.Ҷ.

доктори илмҳои фалсафа,
аъзои шурои диссертатсионӣ Маҳмадова М.Ф.

22.10.2024